Нусха аз суратмаҷлиси №10
**оид ба баргузории ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

аз 28.06. 2024 с. ш. Душанбе

Иштирок доштанд: мудири кафедра, н.и.ҳ. дотсент Раҳмонзода М.Ҷ., д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И., н.и.ҳ., дотсент Сатторов Ғ.С., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Шарипов Р.И., н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л., н.и.ҳ., дотсент Миралиев Э.Б., н.и.ҳ., м/к Сайфуллозода У.А., н.и.ҳ., Мирзоев Қ.Х н.и.ҳ., м/к Шарипов М.М, муаллими калон Юлдошева Г.М., ва лаборанти кафедра Исматов Рустам

Рӯзномаи маҷлис:

4. **Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И.**

Мудири кафедра, н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ. қайд намуд, ки яке аз масъалаҳои ҷории ҷаласаро муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И. ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуқтаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Абдуллозода Баҳодур Валӣ дода шуд. **(Баромад замима мегардад).**

Баъди баромади Абдуллозода Баҳодур Валӣ, аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Мудири кафедра қайд намуд, ки нусхаҳои рисола ба устодони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ н.и.ҳ. дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., ва н.и.ҳ. дотсент Холиқзода Ш.Л., пешакӣ тақсим гардида буд. Аз устодони мазкур хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба рисола дар ҷаласаи кафедра изҳор намоянд.

Нахуст сухан ба н.и.ҳ. дотсент Мирзоахмедов Ф.А., дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Абдуллозода Баҳодур Валӣ. изҳор намуда, қайд кард, ки рисолаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи хуб омода шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ онҳоро ислоҳ кардааст.

Сипас, н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., баромад намуда, қайд кард, ки аз таҳлили кори илмии унвоҷӯи кафедра Абдуллозода Баҳодур Валӣ бармеояд, ки он анҷомёфта мебошад. Дар маҷмуъ, рисола дар сатҳи бисёр хуб омода гардидааст, изҳор намуд, дотсент Камолов З.А.

Баъдан, устоди кафедра н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л.,  оид ба рисолаи илмии унвонҷӯ Абдуллозода Баҳодур Валӣ. чунин изҳор намуданд, ки дар ҳақиқат рисола ба анҷом расидааст ва шакли комилро соҳиб аст. Ҳамчунин норасоиҳо ва камбудиҳое, ки қаблан дар кор мавҷуд буданд, бартараф шудааст. Талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ пурра риоя карда шудааст. Бинобар ин, хуб мешавад, ки хулосаи кафедра ба унвонҷӯ дода шавад.

Мудири кафедра, н.и.ҳ. дотсент Раҳмонзода М.Ҷ., низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур изҳор намуд. Аз ҷумла, қайд кард, ки рисолаи илмӣ дар сатҳи баланд навишта шудааст ва аз ин рӯ, қобили дастгирӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, устодони кафедра дар ҳайати  д.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., ва н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л., ки рисолаи илмиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода буданд, хулосаи мусбати худро вобаста ба рисолаи мазкур изҳор намуданд.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Рисолаи номзадии унвонҷӯ Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) тавсия карда шавад.

2. Ба унвонҷӯ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Абдуллозода Баҳодур Валӣ дар

мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И. хулосаи мусбати кафедра дода шавад. (Хулосаи кафедра замима мегардад)

Бо ҳамин, ҷаласаи кафедра пӯшида эълон карда шуд.

**Мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,** н.и.ҳ. дотсент **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби маҷлис,**
**лаборанти кафедра** **Исматов Р.**

**Имзои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Исматов Р.- ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 880787828